# Тарбияи ҷинсӣ

Доктор Фотима Рамазонӣ

Баргардонанда ба сирилик
Диловар Султонӣ

# Тарбияи ҷинсӣ

Доктор Фотима Рамазонӣ

Баргардонанда ба сирилик
Диловар Султонӣ

**Тарбияи ҷинсӣ**

**Нависанда: Доктор Фотима Рамазонӣ**

**Сол: 2020**

**Баргардонӣ ба кириллӣ: Диловар Султонӣ**

**Логотип: Маҷид Один**

**Тарроҳ: Маҳсо Бузургумед**

**Ношир: Мактаби равоншиносии Лондон**

**Мактаби равоншиносии Лондон,** як ташкилоти ғайритиҷоратӣ буда, ҳадафаш тарбияи муаллимони равоншиносӣ ҷиҳати омӯзиши асосҳои равоншиносӣ барои оромиш у шодии бештари ҳамагон аст.

Давраҳои омӯзиши шашмоҳаи ин мактаб ба забони форсӣ (тоҷикӣ) ё англисӣ буда, ба шакли ҳузурӣ ё онлайн тариқи ройгон «баъд аз марҳилаи пазириши донишҷӯ» баргузор мешавад. Матни ҳозир «Тарбияи ҷинсӣ» аст, ки яке аз дарсҳои ин давра мебошад.

**Ноши**

Матни ҳозир аз китобҳои “Тарбияти ҷинсии кӯдакон” навиштаи Ригина Финка, “Тамоюлоти ҷинсии кӯдакон ва навҷавонон” навиштаи Сандрина фон дер Дафф, “Осебшиносии равонӣ” навиштаи Меҳди Ганҷӣ ва аудиодарсҳои Доктор Қудратӣ баҳра бурда аст.

**Фотима Рамазонӣ**

## МУНДАРИЧА

| | |
|---|---|
| Тамоюлоти ҷинсӣ чист? | 1 |
| Даврони навзод то 2 солагӣ | 5 |
| Кӯдакон байни 2 то 4 солагӣ | 7 |
| Кӯдакон байни 4 то 6 солагӣ | 12 |
| Кӯдакон байни 6 то 8 солагӣ | 17 |
| Кӯдакон байни 8 то 10 солагӣ | 20 |
| Кӯдакон байни 10 то 12 солагӣ | 24 |
| Тақсимбандии марҳилаҳои балоғат | 28 |
| Озори ҷинсӣ | 39 |
| Навъҳои ихтилолҳои ҷинсӣ | 44 |
| Навъҳои гароишҳои ҷинсӣ | 51 |

# ТАМОЮЛОТИ ҶИНСӢ ЧИСТ?

**Тамоюлоти ҷинсӣ:** маҷмӯаи рафторҳо ва эҳсосоти ҷинсӣ миёни ду нафар, ки метавонанд омили эҷоди эҳсосоти вижае аз қабили оромиш, ҳаяҷон ва лаззат гардад.

## Оё тамоюлоти ҷинсӣ дар кӯдакон вуҷуд доранд?

Солҳои зиёд вуҷуди эҳсосоти ҷинсӣ дар кӯдакон инкор мешуд ва ин амр албатта мантиқӣ ба назар мерасид, чаро ки рафторҳои аз қабили ҳамоғӯшӣ ва ирзоъ шудан дар бачаҳо мушоҳида намешавад. Дар натиҷа ин тавр тасаввур мешавад, ки бачаҳо фоқиди эҳсосоти ҷинсӣ ҳастанд. Аммо агар нигоҳи васеътаре ба тамоюлоти ҷинсӣ дошта бошем, дар он сурат масъалаҳои ҷинсӣ доираи васеътарро дарбар мегирад. Ба таври мисол, нигоҳ кардан ба бадани

якдигар ва ламси он, нигоҳ кардан ба олоти таносулӣ ва ламси он, ё "духтурбозӣ" ва ёбӯсидани ҳамдигар. Ҳамаи ин рафторҳо метавонанд, эҳсосот ва ҳаяҷоноте дар дастгоҳи таносулӣ эҷод кунанд. Кӯдакон метавонанд, ҳамаи ин рафторҳоро дошта бошанд ва дучори ҳаяҷоноти ноши аз ин рафторҳо низ шаванд. Тамоюлоти ҷинсӣ дар кӯдакон ба мизони зиёдӣ маътуф ба иктишофи тани худашон аст ва эҳсосоте, ки ба ин кашф марбут мешаванд. Бо гузари солҳо, тамоюли ҷинсӣ шакли навъи василаи иртиботӣ ба худ мегирад. Ин тамоюл дар ибтидо ба вижа мутаваҷҷеҳи ламс кардан ва иктишофи тани худ аст ва дар идома ба кашф ва ламси бадани дигарӣ меанҷомад. Ба ин тартиб чизе ба тадриҷ, аммо ба таври қатъ шакл мегирад, ки мо онро кашишҳои ҷисмонӣ меномем.

Тамоюлти ҷинсӣ дорои ду ваҷҳи отифӣ ва ҷисмонӣ аст, ки ҳар кадом ба тартиб дорои коркардҳои мухталиф

мебошанд. Аз ҷумла: ҳамоғӯшӣ ва ирзои ҷинсӣ ва ё эҷоди иртибот ва оромиш. Бо гузари солиён, тамоюлоти ҷинсӣ шакли навъи василаи иртиботӣ ба худ мегирад. Ин тамоюл дар ибтидо ба вижа мутаваҷҷеҳи ламс кардан ва иктишофи тани худ аст ва дар идома ба кашфу ламси бадани дигарӣ меанҷомад. Таоюлоти ҷинсии кӯдакон набояд бо тамоюлоти ҷинсии бузургсолон муқоиса шавад, чаро ки тамоюлоти ҷинсии кӯдакон дорои ҷанбаҳоидигаренизҳастваамалкардҳо ва ашколи бурузи он мутафовут аз бузургсолон мебошад.

Дар идома талош мешавад, ки такомули тамоюлоти ҷинсии кӯдакон бо ҷузъҳо муайян ва шарҳ дода шавад.

А) Ҷузъҳое, ки ба ҷинсият (духтар ё писар будан) марбут мешаванд: Рушди ҳувияти ҷинсӣ, нақши ҷинси духтар ё писар будан ва иҷтинобн ҷинсӣ.

Б) Ҷузъҳое, ки ба рушди ҷинсӣ марбут

мешавад: Кашф ва ламси тани хеш ва дигарон.

В) Ҷузъҳое, ки ба самимият ва эътимод марбут мешаванд: Эҳсосоти мухаталиф, ки бо ҷузъҳои болоӣ дар иртибот аст.

# Даврони навзод то 2 солагӣ

- Касби лаззат аз тариқ даҳон;
- Рушди ҳавоси биноӣ, шунавоӣ, буёӣ ва ломиса;
- Касби лаззат аз тариқи навозиш шудан;
- Ламси олоти таносулӣ ба таври нохудогоҳ.

Барои навзод, даҳон ба сифати танҳо василае аст, ки метавонад тавассути он бо дигарон тамос барқарор кунад. Тамоюл ба макидан дар навзодон бисёр қавӣ аст. Бо рушди кӯдак, даҳон ҳамчунон нақши муҳими худро ҳифз мекунад. Кӯдак аз тариқи даҳон ба шиносоии дунёи пиромуни худ мепардозад. Навзод бисёр дӯст дорад, ки пӯсти баданаш навозиш дода шавад ва ё ҳангоми шир хӯрдан ё назофат, баданаш ба

оромӣ навозиш дода шавад; Ё баъд аз ҳаммом кардан, баданаш бо равған массаж дода шавад. Волидон ва парастороне, ки ба ин ниёзҳои кӯдак таваҷҷуҳ мекунанд ва ба онҳо посухи мусбат медиҳанд, дар ҳақиқат боиси рушди солими тамоюлоти ҷинсӣ дар кӯдакон мешаванд.

Кӯдак хеле зуд дармеёбад, ки аз навозиш ва ламси танаш тавассути волидон ва мураббиёнаш эҳсоси хубе пайдо мекунад. Бо ин амал, волидон (ё ҳар касе, ки аз кӯдак муроқибат мекунад) паёме бо мазмуни эътимод ва амният ба кӯдак мунтақил мекунанд; ин ки кӯдакро дӯст доранд ва ҷисму ҷони ӯ барояшон муҳим аст. Ин паём дар ҳақиқат эътимод ба нафс барои кӯдак оварад, ки метавонад бинои муҳиме барои эҷоди робитаи ҷинсии хуб ва солим дар бузургсолӣ бошад.

## Кӯдакон байни 2 то 4 солагӣ

- Истифода аз забон;
- Дарки ҳувияти ҷинсӣ ва ҷинсият ва таваҷҷуҳ ба тафовутҳои зоҳирӣ миёни худ ва дигарон;
- Алоқа ба расидани бадани худ ва дигарон;
- Ниёз ба тамоси ҷисмӣ ва дар оғӯш гирифта шудани кӯдакон.

Дар ин давраи синнӣ кӯдакон худро ба унвони мавҷуди мустақил аз дунёи атрофиён мебинанд ва ба хештан ва ҷисми худ огоҳӣ меёбанд. Онҳо кашф мекунанд, ки зоҳири мутафовут бо дигар кӯдакон ё бузургсолон доранд. Аз ин замон кӯдак ба ҷисми худ ва дигарон таваҷҷуҳи бештаре нишон медиҳад.

Ҳувияти ҷинсӣ ва дарк аз ҷинсият дар ин син шакл мегирад ва ин ба

кашфи тафовутҳои зоҳирӣ миёни худ ва дигарон марбут мешавад. Нишонаи он вақте аст, ки кӯдак аз шумо мепурсад, ки чӣ тавр метавон ташхис дод, ки як нафар писар аст ё духтар? Кӯдакон маъмулан мепазиранд, ки ин тафовут дар зоҳир ва либос аст. Ба таври равшан такомули ҳувияти ҷинсӣ дар кӯдакон дар ибтидо бо дарки тафовутҳои ду ҷинс ҳамроҳ нест. Такомули ҳувияти ҷинсӣ дар ин синну сол бо бурузи тафовутҳои рафторӣ миёни духтарон ва писарон дунбол мешавад. Нақши рафтори ҷинсӣ пас аз се солагӣ буруз мекунад. Муҳим ин аст, ки волидон ва мурабиёни кӯдак ҳушёр бошанд, ки агар рафтори кӯдаконашон бо рафтори синну соле, ки дар хонавода аз як духтар ё писар дар ин син интизор меравад мутобиқат надошта бошад, онҳоро мавриди сарзаниш ё таҳқир қарор надиҳанд.

Дар ин син бачаҳо алоқаи зиёде ба расидан ва мутолиаи бадани худ ва дигарон ва ҳамин тавр олати

танусулии худ ва дигарон доранд. Онҳо дӯст доранд, олоти таносулии худро нишон диҳанд, онро ламс кунанд (ё олоти бачаҳои дигарро ламс кунанд) ва аз ин тариқ эҳсосҳоеро, ки ба даст меоваранд, таҷриба кунанд. Ламс, навозиш ва бозӣ кардани кӯдак бо олоти таносулиаш ба қасди ирзои ҷинсӣ (оргазм) нест, гарчи дар ин син низ гоҳе оргазм рух медиҳад. Ин амал барои кӯдак оромбахш аст, дуруст монанди вақте ки ангушти шасти худ ё пистонакро мемакад. Гоҳе мушоҳида мекунед, ки ҳар ду амалро бо ҳам анҷом медиҳад. Яъне ангушти шаст ба даҳон ва дасти дигараш дар шалвораш аст. Мизони иқдом ба ин кор дар кӯдакон мутафовут аст ва барои ин тафовут далелҳои чанде ироа шуда аст:

Тибқи назари муҳаққиқон, мизони ҳассосияти “узви ҷинсӣ” дар инсонҳо мутафовут аст. Ин мавзӯъ шомили кӯдакон ҳам мешавад. Мумкин аст кӯдаке марҳилаи кашфи андоми худро дертар аз дигар ҳамсолонаш

оғоз кунад (маъмулан ин марҳила дар духтарон дертар аз писарон рух медиҳад.)

Ҳамчунин дар ин син, даврони ба забон овардани “калимаҳои зишт” оғоз мешавад. Дар ин син барои бисёре аз кӯдакон бозии ҷолибе аст. Ба назар мерасад, бачаҳо бо баёни ин калимот дар муқобили бузургтарҳо мехоҳанд онҳоро таҳрик кунанд ва шоҳиди вокуниши онҳо бошанд. Кӯдакон дар байни худ ҳам аз ин калимаҳо истифода мекунанд. Ниёз ба тамоси ҷисмӣ ва ламси аъзои бадан, ки барои навзод ниёзи аввалия аст, барои кӯдакони ин гурӯҳи синнӣ ҳам бисёр боаҳамият аст. Кӯдакон дӯст доранд рӯи пои бузургтарҳо шинанд, дар оғӯш гирифта шаванд, навозиш шаванд ва пушташон хоронда шавад. Ин ниёзҳо ҳатто баъдҳо низ, ки бачаҳои бузургтар мешаванд, дар онҳо мушоҳида мешавад. Агарчи ағлаб бисёр бачаҳо намехоҳанд мисли духтарбачаҳо ҳамчунон рӯи пои бузургтарҳо бишинанд, аммо дӯст

доранд дар оғӯш гирифта шаванд ва сару гардани онҳо хоронда шавад. Мизони ниёз ба тамоси ҷисмонӣ дар кӯдакон мутафовут аст ва худи волидон метавонанд мизон ва навъи ин ниёзро дар писар ва духтари худ ташхис диҳанд. Ба назар мерасад, ки писарбачаҳо зудтар канор мешаванд ва ба суроғи бозии худ мераванд, аммо духтарбачаҳо ағлаб ба суроғи волидони худ мераванд ва онҳоро ба тарафи худ мекашанд, то дар оғӯш гирифта ва навозиш шаванд.

## Кӯдакон байни 4 то 6 солагӣ

- Ошноӣ бо қонунҳои иҷтимоӣ шудан;
- Ошноӣ бо арзишҳо боис мешавад, кӯдак дар назди ом рафторҳои ҷинсӣ надошта бошад;
- Ирзои ниёзҳои ҷинсӣ дар қолаби бозӣ;
- Пурсидани саволҳо дар хусуси таваллуд ва чӣ гуна ба дунё омадани навзод.

Аксар кӯдакон аз 4 солагӣ ба кӯдакистон фиристода мешаванд ва ағлаб онҳо барои нахустин бор бо гурӯҳи бузурге аз ҳамсинну солҳои худ мувоҷеҳ мешаванд. Онҳо дар муҳити кӯдакистон бо қонунҳои рафторӣ, меъёрҳо ва арзишҳои нав ва ҳамчунин бо кодҳои иҷтимоии нав ошно мешаванд. Дар муҳити хона ва боғчаи бачагон, чунон чи кӯдаке узви ҷинсии бадани худ ва ё дигаронро

нигоҳ ё ламс кунад, ғолибан волидон ва мураббиён бархурди босабр бо ин рафтор доранд. Аммо маъмулан дар кӯдакистон ва мактаб мудорои камтар аз тарафи мураббиён ва масъулин дар ин мавриди нишон дода мешавад.

Ин адами таҳаммул боис намешавад, ки кӯдак майл ва иштиёқ ба ин рафторҳоро аз даст диҳад, аммо боис мешавад, ки камтар дар назди ом даст ба ин кор занад. Кӯдакон дар ин син ингуна ниёзҳои худро дар қолаби бозиҳое аз қабили "духтурбозӣ", "падару модарбозӣ" ва ғайра баён мекунанд, ки умуман ҳам хориҷ аз муҳити мактаб ва дур аз чашми бузургсолон анҷом мегирад.

**Мисолҳое аз саволҳои кӯдакон дар синнитомактабӣ:**

Кӯдакон аз модари худ савол мекунанд: Ман чӣ тавр вориди шиками Шумо шудам?

Кӯдакон аз модари худ савол

мекунанд: Ман қабл аз ин ки вориди шиками Шумо бошам, куҷо будам?

Кӯдакон аз модари худ савол мекунанд: Ман чӣ тавр аз шиками Шумо берун омадам?

Кӯдакон аз модари худ савол мекунанд: Бачаҳо аз куҷо меоянд?

Кӯдакон аз модари худ савол мекунанд: Чаро шакли олоти таносулии духтарон бо писарон тафовут дорад?

## Ҳувияти ҷинсӣ

Масъалаи ҳувияти ҷинсии бачаҳо дар ин син як мавзӯи комилан равонӣ аст. Ба рағми он ки бачаҳо мутаваҷҷеҳи тафовути андомҳои ҷинсӣ дар наздикии панҷсолагӣ мешаванд ва дармеёбанд, андоми ҷинсии онҳо шабеҳ ё мутафовут аз кӯдаки дигар аст, аммо ҳувияти ҷинсии як кӯдак бо таваҷҷуҳ ба корҳое, ки мо аз кӯдакӣ барои ӯ анҷом медиҳем, шакл мегирад. Мақсад ин аст, ки вақте мо

барои кӯдакони худ бозичаҳое чун қӯрчоқ, дегу коса ва ба ин монанд таҳия мекунем, ё барои ӯ туфанг ва мошин ва ҳавопаймо ва монанди онҳо мехарем, дорем ҳувияти ҷинсии ӯро месозем. Агар барои духтарамон рангҳои гулобӣ ва духтарона интихоб мекунем, дорем ба ӯ ҳувияти ҷинсӣ медиҳем.

Иловар бар инҳо, рафтори мо бо кӯдаки духтар ё писарамон дар шаклгирии ҳувияти ҷинсии ӯ муассир аст. Волидоне, ки бо духтари худ ҳаммонанди як писар рафтор мекунанд, ё касоне, ки писари худро ҳамчун духтарбачаҳо меороянд, доман мепӯшонанд, мӯйҳояшонро баланд мекунанд ва дилашон мехоҳад, ба гуфтае ин писари охириро каме эрка кунанд, то ба оромиш бирасанд! Ва мегӯянд, бо пӯшидани либоси духтарона ба ин писари 2–3 сола, ҳис мекунем, духтардор шудаем! Онҳо аз ин мавзӯъ ғофиланд, ки доранд ба шаклгирии ҳувияти ҷинсии писарашон садама ворид мекунанд.

Ҳамаи ин боварҳо ва рафторҳо, яъне ин ки мо ҳастем, ки ҳувияти ҷинсии бачаҳоро месозем. Мо ҳастем, ки бо рафторҳои дуруст метавонем ба писарамон омӯзем, дуруст монанди як марди солим ва хушҳол зиндагӣ кунад, ҳаяҷоноти худро буруз диҳад, эҳсосоти худро ба равиши саҳеҳ иброз кунад, то дар барқарории робита бо дӯстон, ҳамсар ва иҷтимоъ муваффақ шавад.

## Кӯдакон байни 6 то 8 солагӣ

- Даврони пинҳонии майли ҷинсӣ;
- Таваҷҷуҳ ба дигарон ва эҷоди ҳисси дӯстдоштан ё ошиқ шудан;
- Рафторҳои ҷинсӣ дар ин син камтар шакли ошкор дорад;
- Бачаҳо дар ин син қодир нестанд, ки тафовути байни воқеиятҳо ва тахайюлотро ба хубӣ ташхис диҳанд;
- Истифода аз ҳазлу шӯхӣ ва ё ҷумлаҳое, ки дар онҳо калимаҳои ҷинсӣ ба кор меравад;

Ин давраи синну солиро даврони пинҳонии (махфигӣ, диданашавандагӣ) майли ҷинсӣ меноманд. Ба назар мерасад, ки барои кӯдакони ин гурӯҳи синнӣ, дигар умури ҷинсӣ ба мизони собиқ ҷаззобият надорад. Онҳо пурсишҳои камтаре матраҳ мекунанд; камтар

ба таври ошкоро ба андоми якдигар таваҷҷуҳ нишон медиҳанд; аммо рушди тамоюлоти ҷинсиашон ҳамчунон идома дорад ва таваҷҷуҳ ба дигарон дар кӯдак шакл мегирад. Дӯст доштан (ошиқ шудан) по ба майдон мегузорад. Бозӣ бо ғайри ҳамҷинс шакли мутафовут бо бозӣ бо ҳамҷинс меёбад. Ошиқ шудан метавонад эҳсосоти шадидеро дар кӯдак барангезад, бидуни он ки бо эҳсоси ҷинсии ӯ иртибот дошта бошад. Дар ин гурӯҳи синнӣ ошиқ будан таъсири бисёр ночизе бар рӯи рафтори ҷисмонии кӯдак дорад. Ҳисси ошиқ будан ба равшанӣ бо эҳсоси дӯсти амиқ доштан бо як шахс мутафовут аст (Дар кӯдакони камтар аз 6 сола, ошиқ будан ҳамон ҳисси дӯсти амиқ бо як шахс аст).

Дар синни ҳудуди 8 солагӣ тафовутҳо дар шакли ба оғӯш гирифтан ва эҳсоси ишқу алоқа ба тарафи муқобил ошкор мешавад. Мутобиқи таҳқиқоте, ки бар рӯи кӯдакони 8 ва 9 сола сурат гирифта аст, ин тавр ба назар мерасад,

ки рафторҳое аз қабили дар оғӯш гирифтан ва машғул шудани кӯдакона дар ин синну сол, рафторест беруни, дар қиёс бо ошиқ шудани кӯдакон дар ин син, ки метавон онро эҳсоси комилан даруни қаламдод кард.

Дар наққошиҳои кӯдакони ин гурӯҳи синни аксаран олоти таносули дида мешавад ва бисёре аз ҳазлу шӯхиҳо ва шеърҳое, ки калимаҳои ҷинсӣ дар онҳо ба кор бурда шуда аст, миёни ин гурӯҳ кӯдакон радду бадал мешавад. Чизҳое, ки маъмулан дар ҳузури бузургтарҳо аз баёнашон худдорӣ мекунанд.

## Кӯдакон байни 8 то 10 солагӣ

- Дар ин син ишқ варзидан бо ниёзи ҷисмонӣ пайванд мехӯрад;
- Бозиҳо шомили нигоҳ ва ламси олоти таносулии якдигар аст;
- Ҳамҷинсгарой дар ин синну сол мавзӯи манфӣ ва ғайри қобили қабул аст;
- Бурузи худирзоӣ;
- Оғози булуғ;

Синну соли байни 8 то 10 солагиро метавон солҳои оғози ишқварзидани кӯдакон донист ва бо рушди ҳар чӣ бештари кӯдакон, ин эҳсос нақши асоситаре дар зиндагии онҳо бозӣ хоҳад кард. Ҳамзамон бо рушди кӯдак, ин эҳсос (ишқ варзидан) низ рушд меёбад ва бо ниёзи ҷисмонӣ

пайванд мехӯрад. Ба ин маъно, ки кӯдакон дар ишқ варзидан дар ҷустуҷӯи навъи тамоси ҷисмонӣ ҳастанд (муқобили ҳам нишастан ва дасти ҳамро гирифтан, бозу ба бозуи ҳам совидан), ки ҳаяҷони шадиде дар онҳо эҷод мекунад. Ҷустуҷӯ дар тамоюлоти ҷинсӣ оғоз шуда аст, ки фароянди тӯлонӣ аст. Ин ҷустуҷӯҳо шомил бар бозиҳои ҷинсӣ бо ҳамҷинсҳо ва ғайри ҳамҷинсҳо мебошад. Аммо мутафовут бо он чӣ, ки пеш аз ин таҳти унвони "духтурбозӣ" азонёд шуда аст. Дар ин марҳила бозиҳо шомил бар нигоҳ ва ламси олоти таносулии якдигар аст. Меъёрҳои гурӯҳӣ мутамаркиз аст бар тамоюлоти ҷинсӣ бо ҷинси мухолиф. Агар бачаҳо ба бозиҳои ҷинсӣ бо ҳамҷинсҳои худ машғуланд, ин амалро ҳамҷинсгароӣ наменоманд (ки чунин ҳам набояд номида шавад). Дар ин син ҳамҷинсгароӣ дар ҷамъи кӯдакон мавзӯи манфӣ ва ғайри қобили қабул мебошад ва шояд ба ҳамин далел бояд ба таври куллӣ дар мавриди вуҷуди эҳсосоти

ҳамҷинсгароӣ бо бачаҳо сӯҳбат кард, ҳарчанд ки бисёре аз бузургсолон худ ҳанӯз дар мувоҷеҳ бо ҳамҷинсгароӣ дучори мушкил ҳастанд. Бузургсолон набояд анекдотҳо ва шӯхиҳоеро, ки бачаҳо дар мавриди ҳамҷинсгароӣ бозгӯ мекунанд, пазиро бошанд.

Нақшҳои вижаи ҷинсӣ дар ин давраи синну солӣ ҳузури бозӣ доранд. Бозиҳо ва гуфтугӯҳои кӯдакони ҳамҷинс, бо он чӣ бо ғайри ҳамҷинси худ доранд, мутафовут аст. Худирзоӣ (истимноъ, мастурбатсия) дар ин синну сол зоҳир мешавад. Ин амал дар байни писарон роиҷтар аз духтарон аст. Мастурбатсия метавонад ба шакли ҷамъӣ сурат гирад.

Тавоноии дарки кӯдак аз масъалаҳо, рушди бештаре меёбад ва далелҳое, ки кӯдакон ироя медиҳанд, мантиқитар мешаванд. Кӯдак метавонад зоду валадро ба хубӣ тасаввур кунад, гарчӣ ҳанӯз ба сахтӣ метавонад фароянди дақиқи чигунагии ҳомилагиро дарк кунад.

Пас аз 8 солагӣ нахустин аломатҳои булуғ дар кӯдакон зоҳир мешавад.

## Кӯдакон байни 10 то 12 солагӣ

- Рушди тамоюлоти ҷинсӣ ва алоқа ба касби иттилоот дар бораи иртиботи ҷинсӣ;
- Тамошои филмҳо ё маҷаллаҳои сексӣ;
- Шурӯи раванди ошиқ шудан;
- Тағйирот ноши аз булуғ дар духтарон ва писарон.

Дар ин син тамоюли ҷинсӣ дар кӯдакон дар ҳоли рушд аст. Бархе аз кӯдакон метавонанд дар ин синни сол ба интихоби ҷинси худ бирасанд ва барои шумори дигаре аз кӯдакон ин интихоб пас аз солҳо таҷриба сурат хоҳад пазируфт. Таваҷҷуҳу алоқа ба иртиботи ҷинсӣ миёни бузургсолон дар ин синну сол афзоиш меёбад, ба ҳамин далел иттифоқ

меафтад, ки кӯдакон дар ин синну сол ба тамошои филмҳои сексӣ бинишинанд ва ба маҷаллаҳои сексӣ нигоҳ кунанд. Ҳамзамон кӯдаконе низ дар ин гурӯҳи синнӣ ёфт мешаванд, ки дар заминаи масоили ҷинсӣ дучори навъи ақибмондагӣ ё одами кундфаҳм ҳастанд. Онҳо намехоҳанд дар ин мавзӯъҳо таҷруба дошта бошанд ва ҳар он чиро, ки дар ин бора мебинанд ё мешунаванд, аҷиб меёбанд. Волидоне, ки тасмими суҳбат бо ин даста аз кӯдаконро ба манзури огоҳсохтани онҳо аз масоили ҷинсӣ доранд, бо мушкилоти фарофанӣ мувоҷеҳ ҳастанд.

Эҳтимолан ин беалоқагиро бояд дар шурӯъи раванди болиғии онҳо ҷустуҷӯ кард. Ин кӯдакон мутаваҷҷеҳи аввалин тағйирот дар бадани худ мешаванд. Тағйироте, ки ба маънои бузургсол шудан аст, чизе ки ин гурӯҳ ба он тамоюл надоранд. Кӯдакон дар ин гурӯҳи синнӣ ба суръат рушд мекунанд (духтарон зудтар аз писарон). Маъмулан рушди пойҳои

онҳо сариътар ба чашм мехӯранд.

Бархе аз духтарони қабл аз 12 солагӣ барои аввалин бор бо одати моҳона мувоҷеҳ мешаванд ва миқдори маҳдуде аз писарон низ қабл аз 12 солагӣ хуруҷи аввалин сперм (манӣ) –ро аз баданашон таҷруба мекунанд. Суръати рушди ҷисмии духтарон дар марҳилаи болиғ шудан зудтар аз писарон аст. Ба таври тақрибӣ балоғат дар наслҳои нав зудтар иттифоқ меафтад. Бархе аз кӯдакони 12 сола илова бар рушди ҷисмонӣ аз назари ақлонӣ низ ба марҳилаи балоғат наздик ҳастанд ва баъзе дигар аз лиҳози ҷусса ва рафтор ҳанӯз бачаанд. Ошиқ шудан ваҷҳи муштараки ҳар ду гурӯҳ ёдшуда аст ва тафовути миёни ин ду гурӯҳ дар наҳваи бархурдашон бо ин ишқҳо мебошанд.

Шумобаунвонипадарумодарикӯдак ё кӯдакони дар ин син, бо онҳо дар мавриди арзишҳо ва ҳинҷорҳояшон гуфтугӯ кунед. Пурсед, ки чӣ чизҳое барояшон аз арзиш ва ҳувият

бархурдор аст ва чӣ чизҳое на. Оё дӯстони онҳо дӯстдухтар ё дӯстписар доранд? Бо ҳам чӣ гуна ишқу муҳаббат мекунанд? Агар худи кӯдак дӯсте дорад, чӣ чизҳоеро дар ин иртибот materials меписандад ва чӣ чизҳоеро на. Бо ин роҳ Шумо ба унвони дӯст ё мураббӣ аз арзишҳо ва ҳинҷорҳои кӯдаки худ бо дигар кӯдакон ин гурӯҳи синнӣ огоҳии бештаре хоҳанд ёфт.

**Ба таври куллӣ чаҳор тағйири муҳими ҷисмӣ дар навҷавонон пайдо мешавад, ки иборат аст аз:**

- Тағйир дар андозаи бадан;
- Тағйир дар андомҳои бадан;
- Рушду такомули сифати аввалияи ҷинсӣ;
- Рушду такомули сифати сонавияи ҷинсӣ;

# Тақсимбандии марҳилаҳои балоғат

## Тақсимбандии марҳилаҳои балоғат

*Тақсимбандии марҳилаҳои балоғат*

| | | Марҳилаи аввали балоғат | Марҳилаи мобайни балоғат | Марҳилаи охири балоғат |
|---|---|---|---|---|
| ***Духтар*** | *Синни шурӯъ* | ***10–13 солагӣ*** | ***12–14 солагӣ*** | ***14–16 солагӣ*** |
| | Аломатҳо | Бузург шудани синаҳо;<br>Шурӯъи рӯиши мӯйҳои олоти таносулӣ ва зери бағал;<br>Афзоиши суръати рушди қад; | Бештар бузург шудани синаҳо;<br>Афзоиши мӯйҳои олоти таносулӣ ва зери бағал;<br>Шурӯъи қоидагӣ;<br>Тағйири садо | Рушди комили синаҳо;<br>Рушди комили мӯйҳои таносулӣ ва зери бағал;<br>Намои комили занона; |
| ***Писар*** | *Синни шурӯъ* | ***10,5–14 солагӣ*** | ***12,5–15 солагӣ*** | ***14–17 солагӣ*** |
| | Аломатҳо | Бузург шудани байзаҳо;<br>Шурӯъи рӯиши мӯйҳои олоти таносулӣ ва зери бағал;<br>Шурӯъи тавлиди сперм; | Афзоиши рушди байзаҳо ва олоти таносулӣ;<br>Афзоиши мизони мӯйҳои таносулӣ ва зери бағал;<br>Тавоноии тавлиди сперм;<br>Тағйири садо;<br>Афзоиши суръати рушда қад; | Намои комили мардона; |

## Аломатҳои балоғати ҷисмӣ дар духтарон

- Рушди пистонҳо

- Пайдоиши мӯйҳои таносулӣ ва зери бағал
- Табдили шакли кӯдаки бадан ба бузургсол
- Табдили садои кӯдакона ба занона
- Тағйирот ва таҳаввулоти склетӣ
- Рушду таҳаввул дар ғадудҳои арақ ва чарбӣ
- Рушду ҷаҳиши сариъ дар қаду вазн
- Тағйири парокандагии чарбӣ дар бадан
- Ҷӯши ҷавонӣ
- Тамоюл ба ҷинси мухолиф
- Қоидагӣ

Маъмулан ин аломатҳо бо ҳамдигар идома меёбанд. Тафовутҳои фардӣ бояд мадди назар бошад. Маъмулан қоидагӣ охирин аломат аст. Ҷаҳиши

қадду афзоиши сариъ дар қад боиси афзоиши 25 сантиметр ба қади духтари навҷавон мешавад. Ин то замони қоидагӣ сариъ аст, вале вақте эпифизи устухонҳои дароз дар асари ҳормонҳои ҷинсӣ ва махсусан эстрогенбасташуд,баъдазонсуръати афзоиши қад хеле суст ва тадриҷӣ мешавад.

## Аломатҳои балоғати ҷисмӣ дар писарон

- Бузург шудани байзаҳо ва олот
- Хориҷ шудани манӣ аз бадан ҳангоми хоби шабона
- Рушди мӯйҳои сурат ва бадан
- Мушаки шудани бадан
- Тағйири садо

## Далелҳои ғафлати волидон аз табрияти ҷинсӣ

- Таваҷҷуҳ нишон додан ба

мавзӯъҳои ҷинсӣ боис мешавад кӯдак аз назари ҷинсӣ муштоқтар шавад.

- Ҳар замон бузургтар шуд, худаш мутаваҷҷеҳи масоил мешавад.
- Вақте ба синни издивоҷ расид, бо ӯ сӯҳбат хоҳад кард.
- Роҳат набудани волидон бо мавзӯъҳои ҷинсӣ ва эҳсоси шарм ва хиҷолат.
- Надоштани маълумот дар бораи шеваи баёни маълумот.

## Муқаддимаи тарбияи ҷинсии коромад

- Кайфияти иртиботи волид–фарзанд
- Тарбияти ҷинсӣ аз тариқи ҳавос
- Эҳтиром ба марзбандиҳои кӯдак
- Ҳаммом кардани кӯдак
- Ҷудо кардани маҳали хоб

- Аз пӯшак баровардан ва омӯзиши туалет

- Омӯзиши эҳсосоти хушоянд ва нохушоянд

Пажӯҳишҳои анҷомдодашуда нишон медиҳанд, кӯдаконе, ки дар муҳите тарбият шудаанд, ки дар он сӯҳбат дар бораи масъалаҳои ҷинсӣ озодона ва ба шакли мусбат сурат мегирад, дар зиндагии худ барои эҷоди як робитаи солим ва мусбати ҷинсӣ, комёбтаранд ва бо мушкилоти камтаре дар ин замина мувоҷеҳ мешаванд. Баръакс, кӯдаконе, ки аз ин бархурдор набуданд ва бо онҳо дар мавриди ниёзҳо ва масъалаҳои ҷинсӣ сӯҳбат нашуда, ё ба шакли манфӣ бо ин масъалаҳо бархурд шуда, ҳамвора бо мушкилоти гуногунӣ мувоҷеҳ мегарданд. Ҳамчунин ба назари муҳаққиқон, кӯдаконе, ки дар муҳити озод ва мусбат дар мавриди масъалаҳои ҷинсӣ огоҳӣ ва маълумот касб кардаанд, дар муқобила бо

сӯистифодаҳои ҷинсӣ қавитар амал мекунанд. Агар ин даста аз кӯдакон дар мавқеияте қарор гиранд, ки ба навъе ба сӯистифодаи ҷинсӣ анҷомёфта шавад, зудтар бо волидон ё касоне, ки маврид эътимодашон аст, сӯҳбат мекунанд.

Имкон дорад худи шумо аз ба ёд овардани аввалин таҷрубаи ҷинсиатон хотираи хубе надошта бошед ва ин худ сӯҳбат кардан бо кӯдакро бароятон душвортар мекунад. Ин ки шумо дар даврони ҷавонӣ, сексро чигуна таҷруба кардед, дар наҳваи нигоҳи шумо ба масъалаҳои секс ва тарбияи фарзандатон муассир аст ва нақши ин таъсирҳо дар арзишҳои шумо қобили мушоҳида аст. Масалан, ин ки кӯдакатон дар ҳузури дигарон бараҳна бигардад, ё не, ин ки бадани шуморо ламс кунанд, ё не, оё духтурбозӣ кардан ва ё ин ки калимаҳои “нописанд” бар забон оваранд. Ҳама инҳо робитаи мустақим ба таҷрубаи шахси шумо бо масъалаи секс дорад.

## Фурсати муносиб барои гуфтугӯ дар бораи ҷинсият

Мо дар ҷараёни зиндагии рӯзмарраамон, чӣ дар ҷойгоҳи кӯдак ва ё бузургсол, ба унвони мухталиф бо ҷанбаҳое аз масъалаҳои ҷинсӣ рӯбарӯ мешавем. Ин ба он маъно нест, ки ҳамаи ин ҷанбаҳо фақат ба ҳамоғӯшӣ марбут мешаванд. Бояд нигоҳи густурдатар ва васеътаре ба масъалҳои ҷинсӣ дошта бошем. Чаро ки масъалҳои ҷинсӣ шомили эҳсосот, чигунагии бо ҳам будан, ҳаяҷонҳо ва арзишҳо ҳам мешаванд. Яъне шумо ҳамвора дар ҷараёни зиндагӣ, огоҳона ва ноогоҳона ба навъе бо тарбияти ҷинсӣ сару кор доред. Дар воқеъ ингуна метавон натиҷагирӣ кард, ки тарбияти ҷинсии кӯдак мухтас ба замони мушаххас нест, балки ба унвони бахше аз умури тарбият, ҳамвора ва дар ҳама лаҳазаҳо бояд мавриди таваҷҷуҳи мураббӣ ва волии кӯдак бошад.

Дар айни ҳол ҳолатҳое аст, ки шумо лозим мебинед, дуруст дар ҳамон

замон, дар мавриди масъалаҳои ҷинсӣ ба кӯдакон огоҳии бештаре диҳед. Аммо сӯҳбати бемуқаддима дар ин мавридҳоро чандон роҳат намеёбед ва ин савол пеш меояд, ки замони муносиб чӣ гуна замоне аст.

Муносибтарин вақт ҳангоме аст, ки худи кӯдак дар ин бора савол мекунад. Талош накунед, ки посухҷӯӣ ба пурсиши кӯдакро бо вокунишҳое аз қабили “баъдан бароят мегӯям” ва ё “ҳанӯз барои ин мавзӯъ хеле хурд ҳастӣ” ба таъхир андозед ва саволи ӯро бидуни посух раҳо кунед. Чунончи кӯдак ин пурсишҳоро дар мавқеияти номуносиб матраҳ кард, метавонед гӯед, ки “базудӣ дар мавридаш бештар сӯҳбат мекунем” ва аз аввалин фурсати ба даст омада барои посухгӯӣ бояд истифода кунед.

Ҳаргиз нагӯед, ки “ҳанӯз барои ин мавзӯъ хурд ҳастӣ”. Як кӯдак ҳеҷ вақт барои дарёфти ҷавоби саволаш хурд ё ҷавон нест. Ҳамчунон нагӯед, ки “баъдан бароят ҷавоб медиҳам”. Кӯдак аз худ мепурсад, ки чаро ҳоло

набояд ҷавобро гирам? Оё саволи аҷибе кардам ва ё ин ки савол мушкил аст? Чаро падару модарам бо ин савол гиҷ ва даступоча шудаанд? Табиии аст, ки кӯдакон наметавонанд лаҳзаи муносибро барои пурсидан ташхис диҳанд. Масалан, шумо назди сандуқи супермаркет истодаед ва писаратон навори беҳдоштиро нишон медиҳад ва мепурсад “ин барои чӣ аст?” Агар шумо дар ҳамон лаҳза наметавонед посухашро диҳед, метавонед гӯед, ки вақте савори мошин шудем ва ё вақте ки ба хона расидем бароят тавзеҳ медиҳам.

Бисёр муҳим аст, ки сари қавли худ истед ва фикр накунед, ки ҳоло то бирасем хона бача фаромӯш мекунад, ки чӣ пурсида буд. Агар кӯдаки шумо доиман бинад, ки пурсишҳояш нодида ангошта мешаванд, ё ҷиддӣ гирифта намешаванд ва шумо мураттаб мегӯед “ҳоло намешавад ҷавоб диҳам, баъд бароят мегӯям” бидуни ин ки баъд посухе дар кор бошад. Дар натиҷа кӯдак сайъ

мекунад, саволҳои камтаре матраҳ кунад, чун мебинад, ки посухе намегирад. Он гоҳ сайъ мекунад ба манбаъи дигаре барои ёфтани посухҳои худ муроҷиат кунад, аз қабили дӯстонаш, телевизион ва ё ҳар манбаъи дигаре, ки шумо ба унвони волӣ азоногоҳӣ надоред. Ҳамонгунае, ки қаблан гуфтем, агар масъалаҳои ҷинсиро дар маънои васеъи он дар назар дошта бошем, дар зиндагии рӯзмарра лаҳзаҳое ҳастанд, ки шумо метавонед дар мавриди мавзӯъҳои мухталифи ҷинсӣ сӯҳбат кунед. Ин ба ин маъно нест, ки масалан шумо тамоми тӯли рӯз фақат ба масъалаи сексӣ бипардозед. Не. Ишқ варзидан, дӯст доштан, ҳамҷинсгароӣ, робитаи дӯстона ва эҳтиром ба ҷинси якдигар ҳамон қадар, ки ба масъалаҳои ҷинсӣ марбут мешаванд, ки ҳомилагӣ ва таваллуди навзод. Секс ва масъалаҳои ҷинсӣ бахши муҳиме аз зиндагиамонро ташкил медиҳанд.

## Худирзоӣ дар кӯдакон

- Кӯдак танбеҳ намешавад;
- Талош мешавад аз тариқи бозӣ ҳавоси кӯдак парт шавад;
- Кӯдак бо ҳинҷорҳо ва арзишҳо ошно мешавад;
- Дорудармонӣ;

# ОЗОРИ ҶИНСӢ

## Таърифи озори ҷинсӣ

Эҷоди иртибот бо кӯдак ва ё навҷавон ба ҳар шакл ва ба ҳар мизон ба манзури касби лаззати ҷинсӣ.

## Аломатҳои нишондиҳандаи озори ҷинсии кӯдак дар кӯтоҳмуддат

- Тағйири ногаҳонии рафтор
- Дархуд фурӯ рафтан, гӯшагирӣ ва танҳоӣ
- Дуригузинӣ аз як фарди хос, ҳатто дар нигоҳ
- Ихтилол дар ҷавоб ва иштиҳо
- Кабудӣ, хориши олот
- Хоронданн олоти таносулӣ
- Адами тамаркуз
- Хаёлпардозӣ

- Пухта шудани ногаҳонии кӯдак

## Аломатҳоинишондиҳандаиозори ҷинсии кӯдак дар дарозмуддат

- Уфти корой
- Пархошгарӣ
- Адами таодули рафтори ҷинсӣ
- Рафтори ҷинсии ғайрисозанда
- Омодагииибештарбасодиркардани ҷиноятҳои дигар
- Пучгарой

## Рафторҳо ва омилҳои муассир дар пешгирӣ аз озори ҷинсӣ

- Бакоргирии шеваи фарзандпарварии коромад

– Ҳадалимкон танҳо нагузоштани бачаҳо

– Одат додани бача ба хобидан дар макони мустақил

– Нахобидани якҷояи наздикон

– Худирзоӣ накардан бо бачаҳо

– Риояти раҳими каломӣ

– Кунҷковӣ дар мавриди муошироти кӯдакакон бо нафарони бузургтар аз худ

– Назорати омаду рафт ба хонаи ҳамсоя

– Ҷуръатомӯзӣ

• Таваҷҷуҳ ба тафовутҳои фардӣ ба вежа дар заминаи тамоюлоти ҷинсӣ

– Кӯдаке, ки худирзоӣ мекунад, бояд хавосашро ба ҷои дигар парт кунем

– Таваҷҷуҳ ба хиёлпардозиҳои кӯдак

– Таваҷҷуҳ ба тағйироти ногаҳонӣ

– Дар миён гузоштани ахбор ва ҳодисаҳои марбут ба кӯдакон ва

навҷавонон

## Тарбияи ҷинсии фарзанд тавассути волидон

• Масъулияти аслии тарбияти ҷинсии кӯдак ва навҷавон ба ӯҳдаи падару модири ӯст.

• Хонавода биниш ва фаҳмиши худро нисбат ба ин масъала боло барад ва хурофотҳои шахсӣ ва пучи худро канор гузорад.

• Ба таври куллӣ бояд дар се буъд ҳидояти ҷинсӣ, мӯътадилии ғариза ва контроли рафторҳо фаъолият дошта бошанд ва фарзандони худро дар мавридҳои ёдшуда роҳнамоӣ ва ҳидоят кунанд.

• Ончи кӯдак дарбораи масъалаҳои ҷинсӣ дар даврони кӯдакӣ меомӯзад, то ҳудуде тайинкунандаи қобилияти созгори ҷинсӣ дар бузургсолӣ аст.

• Ҳаргиз гумон накунем, ки ин эҳсосот танҳо ба бузургсолон тааллуқ

дорад, ин эҳсосот аз таваллуд шурӯъ мешавад ва то марг идома дорад.

# НАВЪҲОИ ИХТИЛОЛҲОИ ҶИНСӢ

**Навъҳои ихтилолҳои ҷинсиро метавон ба ду гуруҳи зер тақсим кард:**

1. Набаҳинҷории ҷинсӣ (Парафилия)

2. Норасоии ҷинсӣ (Sexual dysfunction)

## 1–Ихтилолҳои нобаҳинҷори ҷинсӣ

Ихтилолҳои нобаҳинҷори ҷинсӣ худ ба се гурӯҳ ихтилолҳои ҷинсии намоишгарӣ (олотнамоӣ), мубаддалпӯшӣ ва молишгарӣ тақсим мешавад, ки дар идома ба баррасии ҳар кадом аз онҳо мепарзодем.

- **Намошигари ҷинсӣ (олотномаӣ ё авратнамоӣ, эксгибитсионизм)**

Дар ин ихтилол, фард тамоюл дорад, ки бадан ва андомҳои ҷинсии худро дар маконҳои умумӣ ба намоши гузорад. Фард аз намоиши андомҳои худ лаззати бисёр зиёде мебарад, аммо лузуман ба оргазм намерасад. Фард бояд ба муддати ҳадди ақал 6 моҳ дучори тахаюлот ва хоҳишҳои шадид марбут ба олотнамоӣ шуда бошад ва ин тамоюлот, коркарди рӯзонаи ӯро халалдор карда бошад.

- **Бачабозӣ (педафилия)**

Ин ихтилол ба маънии тамоюл ба робитаи ҷинсӣ бо кӯдакони зери 13 сола мебошад ва фарди мубтало нисбат ба кӯдакон дучори таҳрики ҷинсӣ мешавад. Барои ташхиси ин ихтилол лозим аст, ки фарди мубтало, ҳадди ақал 6 моҳ, даргири тамоюлоти ҷинсӣ ба кӯдакон бошад ва ҳадди ақал 16 сол син дошта бошад. Аксар мубталоён мард ҳастанд ва ҳам ба духтарон ва ҳам ба писарон тамоюли ҷинсӣ доранд.

- **Худозордиҳии ҷинсӣ (мазахизм)**

Ин нобаҳинҷорӣ ба ихтилоле гуфта мешавад, ки дар он фард аз шиканҷа шудан ва озор дидан лаззат мебарад ва дар асари ин шиканҷаҳо ба ирзо мерасад. Нафарони мазахист иззати нафси хеле поёне доранд ва кори зиштталаб ҳастанд. Ин нафарон худро тамоман дар ихтиёри шарики ҷинсии худ қарор медиҳанд ва ҳаргуна таҳқир, тавҳин ва шиканҷаро мепазиранд.

- **Дигарозории ҷинсӣ (садизм)**

Садизм ба маънои тамоюли фард ба озор додан ва шиканҷа кардани фарди дигар, барои расидан ба таҳрики ҷинсӣ мебошад. Ин озор метавонад ба сурати ҷисмӣ ва равонӣ бошад ва фарди мубтало аз озор додани дигарон лаззати бисёр зиёде мебарад ва ба ирзои ҷинсӣ мерасад.

- **Мубаддалпӯшӣ (трансвестизм)**

Мубаддалпӯшӣ ба ин маъно аст, ки

афрод либосҳои марбут ба ҷинси мухолифро бар тан мекунанд. Афроди тарсвестит метавонанд ба далелҳои мухталиф ин корро анҷом диҳанд. Ихтилоли мубаддалпӯшӣ ба ин маъно аст, ки фард тахаюлот ва тамоюлоте барои пӯшидани либоси ҷинси мухолиф дорад ва пас аз анҷоми ин кор ба худирзоӣ ё робитаи ҷинсӣ даст мезанад, то ирзо шавад.

- **Ёдгорхоҳӣ (фетишизм)**

Фетишизм яке аз ихтилолоти ҷинсӣ аст, ки ба маънои тамаркузи ҷинсии нобаҳинҷори як фард бар рӯи як ашёи ғайризинда ва бераб т ба масъалаи ҷинсӣ ё як қисмати ғайриҷинсии бадан мебошад. Фард ба таври такрорӣ ва шадид бо тамаркуз рӯи ин ашё ё аъзои бадан ба лиҳози ҷинсӣ барангехта мешавад ва ин барангехтагӣ дар хаёлпардозиҳо, хоҳишҳо ва рафторҳои фард мушаххас аст.

- **Тамошогарии ҷинсӣ (чашмчаронӣ, вуайеризм)**

Дар ин ихтилол, фарди мубтало ба тамошои афроди бараҳна мепардозадваазанҷомииинкорлаззат мебарад. Ин афрод сайъ мекунанд дар атрофи маконҳое ҳамчун хона, туаллетҳои умумӣ бичарханд ва афрори бараҳнаро тамошо кунанд. Ин афрод ҳамчунин аз дидани робитаи ҷинсии дигарон таҳрик мешаванд, аммо маъмулан тамоюл ба робитаи ҷинсӣ надоранд ва бо худирзоӣ ба ирзои ҷинсӣ мерасанд.

- **Молишдӯстӣ (фроттеризм)**

Молишдӯстӣ ихтилоле аст, ки фарди мубтало андомҳои ҷинсии худро ба бадани дигарон мемолад ва аз ин тариқлаззатваризоиятиҷинсӣбадаст меоварад. Ин рафтор маъмулан дар маконҳои серодам иттифоқ меафтад ва фарди қурбонӣ метавонад кӯдак ё бузургсол бошад.

- **Ҳайвондӯстӣ (зоофилия)**

Дар ин ихтилол, фард тахаюлоте марбут ба робитаи ҷинсӣ бо ҳайвонот дорад ва аз робита бо онҳо лаззат мебарад. Албатта мубталоёни ин ҳайвондӯстӣ, заруратан бо ҳайвонот робитаи ҷинсӣ барқарор намекунанд ва мумкин аст танҳо дар марҳилаи фантазияҳои ҷинсӣ боқӣ бимонанд.

- **Ҳарзагароии телефонӣ ва компютерӣ**

Дар ин ихтилол, фард ба сурати телефонӣ аз лафзҳо ва калимаҳои бешармона истифода мекунад ва аз ин тариқ ба лаззат ва таҳрики ҷинсӣ мерасад. Ирзои ҷинсӣ маъмулан аз тариқи худирзоӣ иттифоқ меафтад. Ин амал метавонад бо ризоият ё бидуни ризоияти фарди дигаре, ки пушти телефон аст, иттифоқ биафтад.

- **Идрорхоҳӣ ва мадфуъхоҳӣ (урофагия, копрофагия, пика)**

Пика ихтилоле аст, ки фарди мубтало

ба хӯрдани маводе мепардозад, ки арзиши хӯрокӣ надорад ва ё олуда ҳастанд. Ин ихтилол дар кӯдакӣ шурӯъ мешавад, аммо мумкин аст, ки дар бузургсолон низ бавуҷуд биёяд.

- **Мурдахоҳӣ (некрофилия)**

Мурдахоҳӣ як амали ҷинсии ғайримутаориф аст, ки фарди мубтало ба робитаи ҷинсӣ бо ҷасади мурдаҳо тамоюл дорад ва аз тариқи робитаи ҷинсӣ бо ҷасад, ирзо мешавад. Албатта мурдахоҳӣ заруратан бо робитаи ҷинсӣ ҳамроҳ нест ва мумкин аст, дар ҳадди тасаввурот ва фантазияҳои ҷинсӣ боқӣ бимонад ва фард аз тариқи худирзоӣ ба ирзо расад.

## 2– Ихтилолҳои норасоии ҷинсӣ

Посухи ҷинсӣ ба сурати куллӣ ба чаҳор марҳила: майли ҷинсӣ (excitement), барангехтагӣ ё таҳрик (plateau), оргазм (orgasm) ва фурӯнишинӣ (resolution) тақсим мешавад, ки халадорӣ дар ҳар кадом аз ин марҳила боиси

бурузи ихтилоли хос шуда, ки нишонаҳоеро дар бар доранд ва ин ихтилолҳо бо номи норасоии ҷинсӣ шинохта мешаванд.

## Навъҳои ихтилолҳои норасоии ҷинсӣ

- Камбуди майли ҷинсӣ дар мардон "сардмиҷозии мардон"
- Камбуди майли ҷинсӣ дар занон
- Ихтилолинуъиз(бархостаниолати таносули мард дар асари ғалабаи шаҳват)
- Ихтилоли оргазми занон
- Ихтилоли таъхири инзол – деринзолӣ
- Ихтилоли инзоли зудрас – зудинзолӣ
- Муқорибати дарднок – вожинизм

# НАВЪҲОИ ГАРОИШҲОИ ҶИНСӢ

Дар бештари кишварҳо гароиш ба ҷинси мухолиф ва ҳамҷинсгароӣ шинохташудатарин навъи гароишоти ҷинсӣ ҳастанд; дар ҳоле ки гароишҳои ҷинсии мутааддид ва гуногуне дар дунё вуҷуд доранд. Нуктаи муҳим ин аст, ки гароишҳои ҷинсӣ бо инҳирофоти ҷинсӣ тафовут дорад ва набояд бидуни нишонаҳои кофӣ онро ихтилол шуморем.

## Ҳамҷинсгароӣ (Homosexual)

Ҳамҷинсгароӣ ба вазъияте ишора дорад, ки дар он фард фақат ба афрори ҳамҷинси худ алоқа дорад. Ин навъ гароиш метавонад ношӣ аз мушкилоти ҷинсӣ ва ҳормонӣ бошад, дар ҳоле ки бархе афрод низ ҳастанд, ки бидуни ин ки мушкили физиоложики хосе дошта бошанд, дар сатҳи равонӣ эҳсос мекунанд, ки ба ҷинсӣ мухолифи худ тамоюл

надоранд ва гароиши ҷинсии онҳо танҳо ба самти ҷинсӣ худ аст. Ин масъала маъмулан ҳангоме, ки афрод дар зиндагии мушатарк қарор мегиранд, осебҳои фаровонеро ба вуҷуд меоварад ва ба талоқ миёни зану шавҳар низ анҷом меёбад.

## Дигарҷинсгароӣ (Heterosexual)

Дигарҷинсгароӣ гароишоти роиҷ дар байни аксари афрод аст ва ба вазъияте ишора дорад, ки дар он фард фақат ба ҷинси мухолифи худ тамоюлоти ҷинсӣ дорад. Ин гароиш табиитарин навъи гароишҳои ҷинсӣ маҳсуб мешавад.

## Гароишҳои ҷинсӣ: ҳардуҷинсгароӣ (Bisexual)

Афроде, ки гароиши ҷинсии онҳо таҳти унвони дуҷинсгароӣ ё биосексуал мушаххас мешаванд, тамоюлоти ҷинсиашон танҳо ба як ҷинс маҳдуд нест. Онҳо ҳам бо занон ва ҳам бо мардон метавонанд

робитаи ҷинсӣ барқарор кунанд. Албатта маънои ин мавзӯъ ин нест, ки онҳо алоқаманд ҳастанд бо ҳар касе, ки мебинанд, иртибот барқарор кунанд. Ин ҳолат мумкин аст, дар ҳудуди синни 20 – 25 солагӣ шиддати бештаре ба худ бигирад, аммо баъд аз он фард бамурур дигарҷинсгаро хоҳад шуд. Гоҳе духтарон бар асари осебҳое, ки дар робитаи худ бо ҷинси мухолиф мебинанд, робитаи отифии худро ба самти ҷинси мувофиқ равона мекунанд.

## Ҳарҷинсгароӣ (Pansexual)

Афроди ҳарҷинсгаро танҳо ба дунболи кайфияти робитаи ҷинсӣ ҳастанд. Онҳо ба робитаи ҷинсӣ бо ҳар навъ ҷинсият ва ҳар навъ гароишӣ тамоюл доранд. Яъне онҳо фақат ба ризоияти ҷинсӣ аҳамият медиҳанд ва масъалаҳои монанди ҷинсият, масъалаҳои отифӣ, андоми таносулӣ ва ғайра барои онҳо муҳим нест. Албатта ин маврид низ монанди мавриди қабл ба маънои тамоюли

ҷинсӣ нисбат ба ҳама кас нест.

## Ҳеҷҷинсгароӣ (Asexual)

Ҳеҷҷинсгароҳо афроде ҳастанд, ки ҳеҷ навъ гароиши ҷинсиро комилан таҷриба намекунанд. Дар ҳоле, ки қобилияти барқарории робитаи солимро доранд.

## Гароишҳои ҷинсӣ: Гароиши ҷинсӣ нисбат ба худ (Autosexual)

Афроди худҷинсгаро (аутосексуал) касоне ҳастанд, ки доштани робита бо худро нисбат ба ҳар навъи робитаи дигар тарҷеҳ медиҳанд. Агар ҳама ончи, ки шумо аз секс мехоҳед, аз тариқи худирзоӣ бароварда мешавад, дар ҳоле, ки робитаи дигар барои шумо аслан ирзокунанда нест, шумо худҷинсгаро ҳастед.

Албатта ин гароиши ҷинсӣ метавонад таҳти таъсири доштани худирзоии зиёд бавуҷуд биёяд ва боис шавад, ки фард натавонад аз соири робита ба ҷуз аз тариқи худирзоӣ лаззат

барад. Дар ин хел ҳолатҳо лозим аст, ки ибтидо ба дармони худирзоӣ дар фард таваҷҷуҳ шавад, чаро ки ин масъала ихтилолот ва мушкилоти ҷинсии мутафовутеро барои фард бавуҷуд меоварад ва таъсироти худро ба ҷанбаҳои мухталифи зиндагии ӯ мегузорад.

**Доктор Фотима Рамазонӣ**

**Соли 2020**

# Сарчашмаҳо:

• “Тарбияти ҷинсии кӯдакон”, нависанда Ригина Финка, тарҷума Лабло Алфозӣ;

• “Тамоюлоти ҷинсии кӯдакон ва навҷавонон”, нависанда Сандрина фон дер Дафф, тарҷума Гил Ово;

• “Осебшиносии равонӣ” (ҷилди 2) нависанда Меҳди Ганҷӣ;

• Аудиодарсҳои Хонум Доктор Қудратӣ.